Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

20 июли соли 2002. Шанбе № 55 (12797)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.30 имзо гардид.

## Маҷлиси Девони Вазирон

18 июл маҷлиси Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бахшида ба рафти амалӣ гардондани вазифаҳои устувор ва супоришҳо оиди рушди иқтисодиёти Ӯзбекистон дар нимаи якуми соли 2002 ва ҳаллу фасли муаммоҳои умда ба амал омад.

Дар маҷлис Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов маърӯза кард **(Маърӯза дар шумораи ояндаи рӯзномаамон интишор меёбад)**.

Сарвари давлатамон дар бораи натиҷаҳое, ки дар давраи сипаришуда дар ҳамаи соҳаҳо ба туфайли собитқадамона дар мамлакатамон ба рӯи об баровардани ислоҳотҳо ба даст омадаанд, аз хусуси дигаргунсозиҳои мусбӣ дар иқтисодиёт, комёбиҳои назаррас дар саноат, кишоварзӣ, аз он ҷумла ғаллакорӣ сухан ронд. Вай махсусан ба масъалаҳои минбаъда ба мамлакати мо ҷалб сохтани сармояҳои хориҷа, рушди соҳибкории хурду миёна истода гузашт. Баробари ин вазифаҳои умдаи рушди иқтисодии мамлакат муайян карда шуданд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии дохила дар тӯли шаш моҳ дар ҷумҳурият ба 4,2 фоиз, аз он ҷумла маҳсулоти саноатӣ—7,2, молҳои истеъмоли халқ—11,5, маҳсулоти умумии кишоварзӣ—4,5 фоиз афзудаанд. Муовизаи моли чакана ба 8,3, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ба 12,7 фоиз зиёд шудаанд.

Ва ин рақамҳо рӯшан аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакатамон муназзамона идомаи худро меёбад.

Соли ҷорӣ дар ҷумҳурият ҳосили бемисли ғалладона рӯёнда шуд. Пудратчиёни оилавӣ, хоҷагиҳои фермерие ҳастанд, ки аз ҳар гектар 70-80 сентнерӣ ва аз он ҳам зиёдтар ҳосил бардоштаанд.

Президенти мамлакатамон ба ҳамаи меҳнаткашоне, ки дар бобати ба даст овардани ҳосили фаровони ғалла, ки то ҳол 4,7 миллион тоннаро ташкил додааст ҳиссаи калон гузоштаанд, миннатдории худро баён сохт.

Президент зарурати истифода бурдани таҷрибаи мамлакатҳои мутараққиро ҳангоми муайян кардани ҳаҷми андозҳо зикр намуд. Вай диққату эътиборро ба имконияти минбаъда кам кардани он дар ҷумҳурият нисбати дараҷаи кунунӣ ҷалб сохт. Ҳини он имконияти истифода бурдани маблағҳое, ки дар натиҷаи кам кардани андоз ҳосил мегарданд, ба истеҳсолот фароҳам меояд.

Аз рӯи масъалаҳои дар маҷлис муҳокимагардида ҷонишинони Нахуствазир Р.Азимов, Н.Юсуфов, ҳокими вилояти Хоразм И.Бобоҷонов, ҳокими вилояти Ҷиззах У.Ямонқулов, ҳокими вилояти Андиҷон Қ.Обидов ва дигарон суханронӣ карданд.

**(ӮзА).**

## Сафари вазири молияи ИМА

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 17 июл дар қароргоҳи Оқсарой вазири федеролии молияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Пол О,Нилро пазируфт.

Ҳангоми мулоқот масъалаҳои алоқаманди рафти ислоҳот дар Ӯзбекистон, муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодӣ, вусъат додани ҳаҷми ба иқтисодиёти ҷумҳуриятамон ҷалб сохтани сармояҳои ИМА мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Оиди таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ ва экстремизми динӣ, рушди муносибатҳо байни Ӯзбекистон ва шарикони иқтисодии ИМА мубодилаи афкор ба амал омад.

Дар нишасти матбуотӣ, ки баъди мулоқот ба амал омад, Президент Ислом Каримов зикр намуд, ки гуфтушунидҳо пурсамар гузаштанд.

Пол О,Нил мушовири асосии иқтисодии Президенти ИМА мебошад ва дар муайян кардани сиёсати молиявиву иқтисодии ҳукумат, қабули қарорҳо накши муҳим мебозад. Баробари ин вай аз ИМА мудири дар Бунёди байналхалқии асъор, Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди байниамрикоӣ, Бонки рушди Осиё ва Бонки рушду таҷдиди Аврупо ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми мулоқот ба паёмнигорон меҳмони воломақом ба ҳукумат ва халқи мамлакати мо барои кӯмаке, ки дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ расонда шуд, миннатдорӣ баён намуд. Вай зикр намуд, ки ислоҳот дар Ӯзбекистон бо суръати баланд ва собитқадамона давом дорад, дигаргунсозиҳо дар иқтисодиёт бештар назаррас мегарданд. Вай аз нияти худ дар бобати васеъ ошно кардани соҳибкорони амрикоӣ оиди имкониятҳои Ӯзбекистон ҳамагонро бохабар сохт.

Ба қарибӣ дар мамлакати мо ҳайати вакилони Бунёди байналхалқии асъор меҳмон шуда, бо корҳое ошно гардид, ки дар доираи Меморандуме амалӣ гардонда мешаванд, ки байни ин муассисоти байналхалқии молия ва Ӯзбекистон ба имзо расидааст. Президент Ислом Каримов зикр намуд, ки Ӯзбекистон ӯҳдадориҳои дар доираи ин созишнома ба зиммаи худ гирифтаашро пурра иҷро намуд ва илова кард, ки вазири молияи ИМА натиҷаҳои ба дастомадаро маъқул донистааст.

П.О,Нил зикр намуд, ки мамлакати мо дар ӯ таассуроти аз ҳама беҳтаринро боқӣ гузоштааст. Вай зикр намуд, ки Ислом Каримовро роҳбари оқил мешуморад ва ӯ қувваву ғайраташро барои минбаъда баланд бардоштани дараҷаи сатҳи зиндагонии аҳолӣ дареғ намедорад. Вазир иброз дошт, ки дар оянда ният дорад бо Президенти мамлакатамон воҳӯрад.

Маълум аст, ки маҷлиси навбатии сайёри Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо моҳи маи соли оянда дар Ӯзбекистон ба амал меояд. Вазири молияи ИМА хабар дод, ки дар ин тадбири муҳим ҳатман иштирок мекунад ва гуфтушунидҳоро оиди рушди минбаъдаи ҳамкории дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ давом медиҳад.

Ислом Каримов ва Пол О,Нил ба пурсишҳои паёмнигорон оиди вазъият дар соҳаи иқтисодиёту молияи Ӯзбекистон, ҳамчунин ҳамкории дуҷониба посух доданд.

Дар доираи сафараш ба мамлакати мо вазири молияи ИМА ҳамчунин бо ҷонишини Нахуствазири Ӯзбекистон Р.Азимов, вазири молия М.Нурмуродов, раиси садорати Бонки Марказӣ Ф.Муллоҷонов воҳӯрда, аз Бозори Олойи пойтахт дидан кард.

**(ӮзА).**

## Хушхабар аз Лондон

## Эҳтиром ба фидоии кураш

Имрӯзҳо кураши ӯзбек дар бисёр мамлакатҳо, аз он ҷумла дар Британиёи Кабир пурҷӯшу хурӯш инкишоф меёбад. Шумораи одамоне, ки бо ин намуди варзиш шуғл меварзанд, дар ин ҷо пайваста меафзоянд. Аллакай се сол боз дар мамлакати мазкур бо дараҷаи баланди ташкилӣ «Мусобиқаи байналхалқии Ислом Каримов» гузаронда мешавад, ки аз эҳтироми бузург ва иззату икроми инглисҳо нисбати кураш—яке аз арзишҳои миллии мо гувоҳӣ медиҳад.

Чуноне ки ба мухбири ӮзА аз умури матбуоти Ассотсиатсияи байналхалқии кураш хабар доданд, аз номи Сармуншии Ассотсиатсияи кураши Британиёи Кабир Пол Сейер мактуб расидааст. Дар он зикр карда мешавад, ки раиси ассотсиатсия ва ташкилотчии «Мусобиқаи байналхалқии Ислом Каримов» аз рӯи кураш Стивен Свитлов аз ҷониби Нахуствазири Британиёи Кабир Тони Блэр ба унвони «Узви салтанати Британиё» тавсия гардид ва номзадии ӯро маъқул донистанд.

Тарғиботгару ташвиқотгари фидокори кураш Стивен Свитлов ба оилаи байналхалқии кураш соли 2001 ҳамроҳ гардид ва аз ҳамон вақт боз дар вазифаи раиси Ассотсиатсияи кураши Британиёи Кабир фаъолият пеш мебарад. Акнун вай соҳиби унвоне гардид, ки дар Қасри Букингем аз дасти малика Елизавета II нишони онро мегирад.

## НАВИГАРИҲОИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

### Дарахти дӯстӣ биншон...

ПОП. Дӯстиву ҳамкорӣ ва равобити ҳамаҷонибаи меҳнаткашони ду ноҳияи ҳамсояву ҳамсарҳад Поп ва ноҳияи Ашти ҷумҳурияти Тоҷикистон анъанаи деринаро дорад. Натиҷаи ҳамин алоқаҳои дӯстӣ аст, ки солҳои охир риштаҳои хешиву ҳамкории меҳнаткашони ду ноҳияи ҳамҷавор мустаҳкам мегардад.

Чанде пеш намояндагони ноҳияи Ашт таҳти роҳбарии раиси маъмурияти ноҳия И.Раҳимов ба ноҳияи Поп ташриф оварданд. Дар байни меҳмонон дӯстони кӯҳнаву қадрдони попиён - пахтакори номдори аштӣ, Қаҳрамони Меҳнат Имомназар Хоҷаназаров, раиси хоҷагии ҷамоавии «Иттифоқ» Йигиталӣ Хоҷиматов, сардори раёсати хоҷагии оби ноҳия Аминҷон Икромов, раиси Шӯрои деҳаи «Понғоз» Раҳматҷон Ҷамолиддинов, сардори идораи пиллатайёркунии ноҳия Матлуба Мирзоматова, раиси ҷамъияти ӯзбекони ноҳияи Ашт Мӯъминҷон Абдуллоев ва бисёр соҳибкорони меҳнат буданд.

Меҳмонони баландмақомро дар сарҳади Поп ҳокими ноҳия, намояндаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Рустам Исматуллоев самимона пазироӣ намуд.

Бародарони аштӣ ҳамроҳи мизбонон ба мактаб-интернати рақами 50-уми шаҳри Поп ва корхонаи муштараки Ӯзбекистон-Туркия «Поп-фен» ташриф оварда, бо рафти ислоҳоти таълим ва тараққиёти саноат, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноати дорои андозаи ҷаҳонӣ аз наздик ошно шуданд.

Дар меҳмонони аштӣ бахусус ҳаҷми корҳои ободонию бунёдкории меҳнаткашони ноҳияи Поп таассуроти калон боқӣ гузошт. Меҳмонон ба корҳои бинокорӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати ноҳия баҳои баланд доданд.

Мулоқоти самимонаи дӯстӣ, суруду таронаҳои дилошӯб дар истироҳатгоҳи «Олтин бошоқ»-и Поп идома ёфт. Ҳокими ноҳияи Поп Р.Исматуллоев ба меҳмонон оиди таърихи ноҳия, комёбиву дастовардҳои меҳнаткашони он дар солҳои истиқлол нақл намуда, ба дӯстони аштӣ тӯҳфаҳои хотиравӣ супурд. Дар навбати худ раиси маъмурияти ноҳияи Ашт И.Раҳимов ба сухан баромада, оиди мустаҳкамшавии дӯстиву муносибатҳои бародаронаи ду ноҳияи ҳамсарҳад, боз ҳам васеъ намудани ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фикрҳои хешро баён намуда, барои меҳмондӯстӣ ва пазироии самимона изҳори миннатдорӣ кард ва тӯҳфаҳои хотиравиро ба ҳокими ноҳияи Поп тақдим намуд.

Ҳангоми бозгашт намояндагони Ашт дӯстони Попии худро ба ташрифи ҷавобӣ таклиф намуданд.

### Коргоҳи нав

НОРИН. Тадбиргари ҳаққулободӣ Эргашалӣ Абдувоҳидов дар маркази ноҳия сехи докабофиро таъсис намуд. Дар натиҷа беш 30 нафар занону ҷавонони муваққатан бекормонда бо кор таъмин гаштанд. Тадбиргар Э.Абдувоҳидов бо маъмурияти заводи мошинсозии шаҳри Миасси вилояти Челябински Россия оиди ҳамкорӣ шартнома имзо карда, ба коргарони коргоҳи мошинсозӣ миқдори зиёди меваю сабзавотро фиристод. Ба ивази маҳсулоти фиристодашуда маъмурияти завод ба Ҳаққулобод дастгоҳҳои докабофиро равон намуд. Тадбиргар Эргашалӣ Абдувоҳидов аз шӯъбаи дар ноҳия будаи «Халқ банки» ба миқдори 5 миллиону 600 ҳазор сӯм вом гирифта, бо зудӣ бинои истеҳсолиро бунёд карда, дастгоҳҳоро васл намуд.

—Ҳамкориамон акнун оғоз ёфт. Шарикони россиягиамон акнун ба мо дастгоҳҳои стерилизасиякуниро (безарааргардонӣ аз микробҳо) мефиристанд, ки ин барои истеҳсоли докаи тиббӣ аҳамияти бениҳоят калон дорад. Бо васлу ба корандозии дастгоҳҳои нав ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин барои бо кор таъминкунии як қисми ҷавонон имконият медиҳад, —гуфт дар сӯҳбат бо мо сардори сехи докаистеҳсолкунӣ Э.Абдувоҳидов.

**А.НУРИДДИНОВ.**



## Иқдоми истиқлолият

## Ҷустуҷӯву ташаббус самар меоварад

Ноҳияи Яккабоғ аз қадим бо боғу роғзори доманадор, одамони меҳнатқарину ташаббускораш маълуму машҳур аст. Баъди ба даст омадани истиқлолият дар ҳаёти мардуми ноҳия ҳам дигаргунсозиҳои куллӣ рух доданд. Барои ба деҳот овардани саноат диққату эътиборро пурзӯр гардонданд. Аз ин рӯ, шӯҳрати коркунони заводҳои пахтаву маҳсулоти ғаллагӣ, аспҳои навъи қорабайир на танҳо дар Ӯзбекистон, балки ҷаҳон ҳам баланд гаштанд.

Аз он ҷумла, дар ҳудуди ноҳия корхонаи истеҳсолии «Ғ-Зиё-Нур» шурӯъ намуда, алҳол бо маҳсули дасти коркунони худ фахру ғурур дорад.

Ба созмон ёфтани корхонаамон ҳамагӣ дуним сол сипарӣ шуд,—мегӯяд директори он Зиёхон Ғуломов.—Саравал танҳо макарон тайёр мекардем. Ба афзун гардондани номгӯи маҳсулот диққату эътиборро пурзӯр кардем. Ин аст, ки алҳол 5 навъи печене ва 7 намуди макаронро ба истеъмолгарон пешкаш мекунем. Аз сифати маҳсулот касе норизо нест.

Алҳол дар корхонаи мазкур 37 нафар кор мекунад. Аз паи ташкили сехи наванд. Ва сехи мазкур дар арафаи ёздаҳсолагии истиқлолият ба кор шурӯъ намуда, ба тайёр намудани конфетҳои карамелии Яккабоғ шурӯъ менамояд.

**Дар сурат**: қадоқгари маҳсулот **Фарида Габидулина**, устои сехи печене **Сардор Ӯтаганов** ва сарвари корхона **Зиёхон Ғуломов**.

Матн ва сурати **Шомурод Шаропов** **(ӮзА).**

## Хонаи собиқадорони маҳалла

Бо ташаббуси фаъолон ва оқсақолони маҳаллаи «Ӯзгариш»-и шаҳри Андиҷон дар гузари «Тошлоқ» Хонаи собиқадорон қад бардошт.

Тадбиргарони маҳаллӣ низ аз ин кори хайр худро ба канор нагирифтанд. Онҳо ба ҳаммаҳаллаҳои худ дар бобати таъмин будан бо масолеҳи бинокорӣ, ободу зебо гардондани атрофи он, асбобу анҷом ва мебели зарурию овардан аз наздик кӯмак расонданд.

Акнун сокинони маҳалла ва меҳмонон дар ин маскан меҳмон гардида, оиди навгониҳо мубодилаи афкор мекунанд, шоҳмоту шашка бозӣ менамоянд, бо ҷавонон воҳӯрда, муаммоҳои маҳалла ва минбаъда обод кардани онро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Ба ғайр аз Хонаи собиқадорон дар гузар нонвойхона, сартарошхона, устохонаи тармими техникии маишӣ ва электронӣ, чойхона, объектҳои савдо ва фарҳанг фаъолият пеш мебаранд.

**«Туркистон-пресс».**

## Ба пешвози 70-солагии Нукус

## Хизмати нақлиёт беҳтар мегардад

Дар саросари мамлакатамон ба масъалаи ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо фирмаву ширкатҳои пешқадам диққату эътибор калон аст. Аз он ҷумла, дар соҳаи нақлиёт ҳам ҳамкории тарафайни ба ҳамдигар муфид торафт мустаҳкам мегардад. Бо кӯмаки Бонки таҷдид ва тараққиёти байналхалқӣ дар 5 шаҳри мамлакатамон—Алмалиқ, Бухоро, Намангон, Самарқанд ва Нукус лоиҳаҳо дар бобати рушди нақлиёти мусофиркашон ба рӯи об баровардa мешавад.

Барои амалӣ гардидани мақсади мазкур Бонки таҷдид ва тараққиёти байналхалқӣ вомро ба муддати даҳ сол ҷудо кардааст.

Дар шаҳри Нукус бахшида ба амалӣ гардондани лоиҳа, яъне ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқии рушди нақлиёти шаҳрии мусофиркашон, фароҳам овардани шароит оиди рақобат дар бозори нақлиёти хизматрасон, ҷойгир кардани самтҳо дар пойгоҳи тендери озод, омӯзиши маҷрои мусофирон ва дар ҳамин пойгоҳ муайян кардани ҳаққи киро ва идора кардани маблағфароӣ семинар шуда гузашт. Дар он намояндагони ташкилотҳои нақлиётии шаҳр, мутахассисон аз Олмон иштирок намуданд.

-Мувофиқи воми Бонки таҷдид ва тараққиёти байналхалқӣ 67 автобуси замонавиро харид карданием, ки дар дохили шаҳри Нукус ҳаракат мекунанд,—мегӯяд сарвари раёсати нақлиёти шаҳрии мусофиркашон Тӯхтарбой Исметов.—Мувофиқи лоиҳаи мазкур 12-25 маи соли кунун дар Лондон шуда, бо изоми нақлиёти шаҳрии мусофиркашон ошно шуда, баргаштем. Агар лоиҳаи мазкур ҷомаи амал пӯшад, ҳам барои аҳолии шаҳр ва ҳам меҳмонон як қатор қулаиҳо фароҳам меоварад.

**А.ОРТИҚБОЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Ба пешвози ёздаҳсолагии истиқлолият

## Омодагӣ ба иди аз ҳама бузургу аз ҳама азиз

Ҳаштсад нафар мактаббачагон дар ҳунарнамоиҳои оммавие, ки ҳар сол бахшида ба солгарди истиқлолияти ҷумҳурият дар Майдони асосии мамлакат—Мустақиллик намоиш дода мешаванд, иштирок менамоянд. Ва он аз ҳар кадоми онҳо баробари масъулияти баланду ҳунари воло дар айни замон сиҳҳату саломат буданро тақозо дорад. Дар ин бобат нақши истироҳату фароғат ҳам калон аст. Аз ин рӯ охири моҳи кунун гимнастикачиён ва варзишгарони сабуке, ки аз озмоиши ҳакамот мегузаранд, ба масканҳои истироҳатӣ роҳ пеш мегиранду дар он ҷо устодону коргардонҳо бо ҷавонҳо машқҳо гузаронда, онҳоро барои баромади хуб дар тантанаҳои 1 сентябр тайёр мекунанд.

**(Хабарнигори мо).**

## Ҷонибдории ҳифзи модарон ва фарзандон

Дар Тошканд маросими ба муассисаҳои тандурустӣ супурдани таҷҳизоти табобатӣ ва ташхисӣ, асбобу ускунаи тиббӣ ба амал омад, ки Бунёди «Соғлом авлод учун» аз шарикони хориҷиаш оиди амалӣ гардондани барномаи башардӯстӣ гирифтааст. Аз он ҷумла, ба Маркази ҷумҳурии скрининг таҷҳизоти зарурӣ ва реагентҳои кимёвӣ ба андозаи 60 ҳазор доллари ИМА супурда шуд. Вай имкон медиҳад, ки корҳои ташхиси мизоҷон аз рӯи пешгирӣ кардани тавлиди бачагони маълӯл беҳтар карда шавад.

Мисоли мушаххаси ҳамкориро бо сохторҳои байналхалқӣ дар равобити Бунёди «Соғлом авлод учун» бо ташкилоти байналхалқии башардӯстонаи «Смайл-Трайн» дидан мумкин аст, ки силсилаи грантҳоро барои табобати бачагон бо камбудиҳои ҷоғу рӯ ҷудо кардааст. Ба маблағи ин грантҳо таҷҳизот харида, ба клиникаи ҷарроҳиву стоматологии бачагонаи Донишкадаи рақами якуми давлатии тиббии Тошканд дода шуд. Аҳду паймон ҳосил гардид, ки тамоми амалиётҳои ҷарроҳӣ баробари истифода бурдани асбобу ускунаҳои мазкур дар пойгаҳи хайрот амалӣ гардонда мешавад.

Барои солим гардондани занон, фарзандон ва ноболиғону ҷавонон дар ҷумҳуриятамон баробари кӯмаки ташхисиву ҷарроҳӣ, ҳамчунин кумаки физиотерапевтӣ инкишоф дода мешавад. Ва он яке аз вазифаи бунёди Маркази тиббиву иҷтимоиро ташкил медиҳад. Таҷҳизоти замонавие, ки ба ихтиёри ин муассиса вогузоштанд, фирмаҳои номдори хориҷа тайёр кардаанд ва имкон медиҳанд, ки сифати гузарондани амалиётҳои мухталифи тиббӣ хеле беҳтар гарданд.

Фаъолияти муттасилу калонмиқёси Бунёди «Соғлом авлод учун» дар бобати ҷонибдории ҳифзи модарон ва фарзандон на танҳо майлу шавқи калони ташкилотҳои хориҷӣ, балки шаҳрвандони алоҳидаро ҳам ба вуҷуд овардааст. Тасдиқи ин далел ба ихтиёри бунёд вогузоштани автомобили «Рено» аз тарафи тадбиргари туркиягӣ Фуат Эмом мебошад. Мошин ба Беморхонаи рақами шашуми маризиҳои гузарандаи бачагонаи Тошканд ба мақсади такмил додани низоми кӯмаки оҷилии тиббии маризиҳои бачагон дода шуд.

Чуноне ки дар маросими ба муассисаҳои тиббӣ супурдани таҷҳизотҳои нав раиси раёсати Бунёди «Соғлом авлод учун» Ойнисо Мусурмонова зикр намуд, ин амал боз як иқдоми муҳим дар бобати ба иҷро расондани қарори Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди таҳкими тандурустии занон ва авлоди наврас», дигар ҳуҷҷатҳои ҳукуматие мегардад, ки барои беҳдошти ҳифзи модарон ва фарзандон дар ҷумҳурият нигаронда шудааст. Фаъолият оид ба таҷҳизонидани муассисаҳои тиббӣ идомаи худро меёбад.

**Анна ИВАНОВА,**
**мухбири ӮзА.**

## Мавзӯи муҳими рӯз

## Барои чӣ харидор норизо аст?

Галина Косолапова яке аз мағозаҳои шаҳр телевизори «Эврика» харид. Вале хурсандии ӯ то дер давом накард. Баъди даҳ рӯз телевизор вайрон шуд. Усторо ҷеғ задан лозим омад. 30 ҳазор сӯм дастмузд гирифт барои таъмир усто. Вале баъди чанд рӯз телевизор умуман аз кор баромад. Г.Косолапова ба мағозае муроҷиат намуд, ки молро харид карда буд ва талаб пеш гузошт, ки 245 ҳазор сӯмашро баргардонанд.

—Маъзарат мехоҳам,—гуфт фурӯшанда.—Шояд шумо телевизорро аз дигар дукон харид карда бошед. Чеки харидро нишон диҳед.

Галина ба хотир овард, ки ҳангоми харид ба вай фурӯшанда чекро надода буд. Вале фурӯшанда дар суханони худ истод. Галина ба шӯъбаи ноҳиявии ғиҷдувонии Иттиҳодияи оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарони вилояти Бухоро муроҷиат намуд.

Ташкилоти мазкур муамморо ҳаллу фасл кард. Ба фурӯшандаи саркаш қонуну қоидаҳои фурӯши мол, аз ёд набаровардани додани чеки онро хотиррасон карда, ҳуҷҷатҳои мағозаро варақгардон кард. Маълум гардид, ки телевизор маҳз аз ҳамин мағоза харид гардидааст. Ва ба Галина Косолапова маблағашро баргардонда, хотиррасон карданд, ки ҳангоми хариди моли дилхоҳ чек гирифтанро фаромӯш накунад.

Мисоли дигар. Фермери хоҷагии ширкатии ба номи А.Ғиждувонӣ Шӯҳрат Каримов ба ҳисобсурати Ҷамъияти саҳҳомии «Навоий дон маҳсулотлари» барои хариди 9 тонна хӯроки чорво 440 ҳазор сӯм гузаронд ва бовариномаро пур карда, барои овардан ба Собир Қурбонов супурд. Шарик додани маҳсулотро чор моҳ кашол дод. Масъалаи мазкур ҳам баъди дахолати кормандони иттиҳодияи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ҳаллу фасли худро ёфт.

—Чунин воқеаҳо бештар бо айби худи истеъмолгарон рух медиҳад,—мегӯяд сарвари бахши ноҳиявии ғиҷдувонии ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарони иттиҳодияи ҳамноми вилоятӣ Ӯктам Орипов.—Қисми зиёдашон ҳуқуқҳои худро намедонанд. Чун қоида, харидор ҳангоми хариди мол чек ва ё дигар ҳуҷҷати онро бигирад. Дар он ҳуҷҷат нарх, кай ва аз тарафи кӣ фурӯхтани мол сабт ёбад. Агар мабодо мол брак бароянд ва ё дорои дигар камбудӣ бошад, тавассути ана ҳамин ҳуҷҷат молро бармегардонад, маблағи худро баргашта мегирад. Ва он ҳуқуқи қонунии ӯ ба ҳисоб меравад.

Дар айни замон бояд таъкид намуд, ки аксар фурӯшандагон ба талабҳои Қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон риоя намекунанд. Ва баъзан ба шабакаҳои савдо ва хизматрасонӣ даромада, эълонро дар ин бобат: «Моли фурӯхташуда баргардонда гирифта намешавад»-дида, ангушти ҳайрат мегазед. Охир, он бар хилофи қонуни мазкур аст.

Ва аз ин рӯ мо баробари ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон аз боби баланд бардоштани дараҷаи донишҳои ҳуқуқии онҳо низ мекушем, корҳои зиёдеро ба иҷро расондем ва мерасонем. Мо ба фурӯшандагон бештар гӯшрас мекунем, ки онҳо дар симои истеъмолгарон на танҳо харидорро, балки шахсиятеро бинанд, ки дар доираи қонун оиди ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон манфиатҳои шахсиро низ моликанд.

**Илҳом САФАРОВ,**
**мухбири ӮзА,**
**вилояти Бухоро.**

Ба пешвози 2700-солагии Шаҳрисабз

# Гаҳвораи салтанати Соҳибқирон

Имрўзҳо маводҳои сершумори ҳафриётӣ исбот мекунанд, ки дар ҳудудҳои мухталифи Ўзбекистон масканҳои қадимаи фарҳанг арзи ҳастӣ карда, шаҳрҳое мавҷуданд, ки дорои таърихи чандинҳазорсола мебошанд. Дар пойгоҳи ана ҳамин маводҳо ҷашнҳои Самарқанду Бухоро, Хеваву Тирмиз мутантан таҷлил ёфтанд. Саросари ҷаҳон бохабар гардид, ки Ўзбекистон сарзамини қадима ба ҳисоб меравад ба тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзандаи худро гузоштааст.

Тирамоҳи соли кунун дар вилояти Қашқадарё боз як тантана ба амал меояд, ки он алоқаманди ҷашни 2700-солагии Шаҳрисабз мебошад. Шаҳри мазкур дар манбаъҳои қадима номи Кешро дошта, дар асрҳои миёна ба худ номи Шаҳрисабз гирифтааст. Ва шаҳри мазкур шоҳиди аксар воқеаҳои хубу фоҷиавии Осиёи Миёна гардида, чандин маротиба ба хок яксон шуда, аз нав барқарор гардидааст. Манбаъҳои таърихӣ собит мекунанд, ки давраи аз ҳама шукуфони шаҳри мазкур ба солҳои салтанати Амир Темур рост меояд. Дар ин хусус дар манбаъҳои хаттии давраи темуриён маълумотҳои зиёде мавҷуданд, ки дар хусуси табиати шаҳр, воқеаҳои таърихии ҳамон давр нақл мекунанд. Масалан, муаррих ва ҷуғрофияшиноси номдори ҳамон давр Ҳофизи Абрў, ки сараввал дар салтанати Амир Темур вазифаи котибӣ, баъдтар дар саройи Мирзо Шоҳрух вазифаи сармуаррихиро иҷро кардааст, дар китоби худ «Ҷуғрофия» дар хусуси Шаҳрисабз чунин нигоштааст:

«Каш (Кеш). Онро Шаҳрисабз мегўянд. Дар аксар фаслҳои сол замини он сабз, аз сабзазор иборат мегардад. Алалхусус фасли баҳор, тамоми ҳавлӣ, бому кўчаҳои он ба бар либоси сабз мегирад. Майдони Кеш аз се фарсанг ба се фарсанг баробар аст. Манзили обод аст, дар шафаташ кўҳ маскан пайдо кардааст. Аз ин кўҳ намаки ошомиданӣ мегиранд, ниҳоят шаффоф буда, баъзеяшон рангоранганд.Онро барои тановул истифода мебаранд, бо маводи зарурӣ муовиза менамоянд. Сероб аст, дар ҳамаи ҳавлиҳо ва боғҳо мудом обро пайдо мекунед. Обе, ки ба шаҳри Қаршӣ меравад, аз ҳамин ҷо ибтидо мегирад. Меваҳои гуногун рўёнда мешавад. Аҳён-аҳён аҳли шаҳр аз хушксолӣ зарар медиданд.

Кеш шаҳрбанди қадимаро молик буд. Вале он вайрон гардид. Ҳазрати Амир Соҳибқирон (Темур) (Оллоҳ шўҳрати он касро боз ҳам баланд гардонад) соли 780 (1378-1379) шаҳрбанди шаҳрро аз нав барқарор намуд ва худи ҳамон сол ба истифода супурда шуд.

Боз як муаррихи давраи темуриён олими номдор Шарофиддин Алии Яздӣ дар «Зафарнома»-и худ Шаҳрисабзро ба сифати маркази илму маърифат тавсиф намуда, чунин нигоштааст:

«Дар баъзе манбаъҳои таърихӣ зикр гардидааст, ки шаҳри Кеш дар замонҳои гузашта маскани ҷамъомади олимони номдори соҳаи ислом буда, дар ин сарзамин се муҳаддиси номдор ҳаёт ба сар бурдаанд: Абў Муҳаммад Абдуллоҳ ибн Хамид ибн Наср ал-Кешӣ, Абдуллоҳ бин Абдураҳмон ад-Дорамӣ ас-Самарқандӣ, Абў Абдуллоҳ Муҳаммад ибн Исмоил ал-Бухорӣ. Ҳамон давр аз гўшаҳои мухталифи ҷаҳон ба ин шаҳри ҳамешасабз ба мақсади бархурдор гардидан аз нурҳои фазилат аҳли илм омадаанд. Масалан, Абулхусейн Муслим ибн Хаҷҷоҷ ал-Қайшарӣ ан-Нишопурӣ ба ҳамин ҷо омада, аз Абдуллоҳ ибн Ҳамид ал-Кешӣ сабақ гирифтааст. Баробари ин дар шаҳри мазкур бисёр олиму фузало ҷамъ омада, дарсҳои мухталиф ва маҷлиси ақидаро гузарондаанд. Аз ҳамин сабаб Кеш «Қуббутул-илм ва-л-адаб» (Қуббаи илму адаб) ном лақаброба худ гирифта будааст. Айёми баҳор боғу майсазорҳои он таровати махсус мебахшанд, боми биноҳо ва ҳавлиҳо бо либоси сабз фаро гирифта мешаванд. Аз ҳамин сабаб онро Шаҳрисабз меноманд.

Шаҳрисабз шаҳрест, ки дар он ҷо Соҳибқирон Амир Темур ба воя расидааст, соҳиби салтанат шудааст. Нисфи умри ў бо Шаҳрисабз алоқаманд мебошад. Вақте ки Самарқанд ба пойтахти салтанат мубаддал мегардад, пеш аз ва баъд аз юришҳои дуру дароз Амир Темур ҳатман ба Шаҳрисабз даромада гузаштааст ва онро маълумотҳои зиёди таърихӣ собит мекунанд. Зеро маскани мазкур барои Соҳибқирон мулки меросии аҷдодон ба ҳисоб мерафт. Дар садаи XIII Шаҳрисабз, умуман воҳаи Қашқадарё дар улуси Чиғатой барои идора кардан ба аҷдодони Амир Темур вогузоштанаш аз саҳифаҳои таърих маълум мегардад. Дар ин бора дар китоби таърихии «Зубдат утгаворих»-и Ҳофизи Абрў чунин маълумот оварда шудааст:

«Бо гардиши фалак ва зайли замона дар улуси Чиғатой ҳар гуна воқеаҳо рух доданд, фитнаву исёни бардавом ҳукмронӣ кард. Дар байни фарзандони Чиғатойхон, мамлакатҳои Мовароуннаҳр ва Турон мухолифат ва низоъ пайдо шуду кишвар дар ҳолати душвор монд.

Фарзандон ва аҳолии Корачор нуён ба Қуббат ал-Хазро — ноҳияи Кеш рафтанд ва барои зиндагонӣ манзилро қад кашонданд. Идора кардани ин вилоят ҳамчун мерос ба онҳо боқӣ монд. Ҳар як ҳукмроне, ки дар ин ҷо салтанати худро барқарор мекард, ба хонадони онҳо ҳамон мансабро нигоҳ медошт».

Вақте ки соли 1370 Соҳибқирон Амир Темур ба тахти салтанат нишаст, тадбири аввалини алоқаманди низоми идоракунии давлатро дар шаҳри Кеш гузаронд.Шарофиддини Алии Яздӣ дар «Зафарнома»-и худ дар ин хусус чунин тафсилотро баён кардааст:

«Ҳазрати Соҳибқирон мавқеи ҳар кадомро ба назар гирифта, ноҳия ва ҳазорaро муайян кард, мувофиқи қобилияту истеъдод, қадру қимат хилъати мансабро дўхт». Аз он ҷумла ў ба Амир Довуд баробари мансаби амирӣ ва мансаби девон, идора кардани Самарқандро супурд. Ба дигарон низ мансабҳои калонро вогузошт. Яъне ҳар кас мувофиқи рутбаву қудрати хеш ба кору вазифаи муносиб таъин гардид».

Тадбири мазкур ба Соҳибқирон имкон дод, ки давлати пурқудратро созмон диҳад.Ва тадбире, ки дар Кеш амалӣ гардонда шуд, минбаъд дар бобати таҳияи дастурҳои бузурги давлатдорӣ дебоча буду ҳамчун қутбнамо хизмат кард. Ва амалӣ гардондани дигаргунсозиҳои сохтори давлатдорӣ маҳз аз Кеш ибтидо гирифта буданд.

**Амонулло БЎРИЕВ,**
**ходими калони илмии Пажўҳишгоҳи шарқшиносии Фарҳангистони улуми Ўзбекистон.**

# Вожаҳои хешутаборӣ дар забонҳои суғдиву паҳлавӣ ва ифодаҳои шевагии онҳо дар замони мо

Имрўз дар забони адабии тоҷик ва гўишҳои шевагии он каламоти марбут ба ифодаҳои хешутаборӣ ба шаклу намудҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Бояд мутазаккир шуд, ки ин соҳаи лексикология ва лексикографияи забоншиносии тоҷик то ҳанўз ба таври бояду шояд омўхта нашудааст ва аз ин рў истилоҳоти ягона низ ҳамчун меъёри забони адабии тоҷик вуҷуд надорад ва дар минтақаву маҳалҳои тоҷикнишин ба ҳар рангу рақам ба кор гирифта мешавад. Додову ата, акаву ука, додару бародар, акаҷону апаҷон, хусуру хусурбура, зану шавҳар, модаршўю хушдомaну модарарўс, падаршўю падарарўс, апаю хоҳар, хуҳару харак, қайнатову қайнӣ, дағўчу палонҷу овсину абусун, хуҳарэсу, додарэс, падарэсу модарэс, додӣ, домод, чиян, бўла, почо, язнаву боҷаву амак, амакбача, тағо, тағобача, амма, аммабача, хола, холок, келин, янга, падархонд, писархонд, модари ўгай, писари ўгай, оча, очаи ўгай, онаву бибӣ, моиндару поиндар, модарандар, падарандар, авлоду тухму табақ, уруғ, тўб, ҷамоа, элот, нувоса, набера, абера, чабера, падаркалон, модаркалон, бобову момо, бобокалону момокалон, падарзану модарзан, ниёкон, ниё, наслу тухму табор ва ҳоказо ...чунин аст номгўи нопурраи ифодаҳои хешутаборӣ. Агар ба ин вожаҳо иборaҳое чун «бачаи думовард», «писари ўгай», «писари пасовард», «зани бева», «марди занҷавобдода» ва амсоли онро изофа кунем, пас домони муносиботи хешутаборӣ хеле ва хеле густариш меёбад ва падидаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ мегардад. Хуб, ҳоло ба қадри имкон ин мафҳумҳоро бо ҳам омезиш дода ва аз нигоҳи забоншиносӣ, бавижа забоншиносии таърихӣ иртиботи онҳоро бо мабдаи аслӣ-забонҳои суғдиву авестоӣ, паҳлавиву портӣ ва дариву форсии қадим мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Нахуст вожаи «модар»-ро таҳқиқ менамоем. Дар «Фарҳанги суғдӣ»-и устод Бадруз Замон Қариб он тахти рақами № 920 «мот», «мотар» ва тахти рақами № 5244 низ ба ҳамин гуна шарҳ ёфтааст. Калимаи «модархонда»-и форсӣ бо рақами 11551 ба забони суғдӣ «зенбор» ва шакли дигари он дар форсӣ модаидар будааст. «Модарзан»-и форсӣ тахти рақами 776 бо чанд намуд: «хуш», «хуша», «хвасру» оварда мешавад, ки он намоёнгари серлаҳҷа будани забони суғдист. Калимаи «падар» дар ин фарҳанг зери рақами 565, 1359, 7808 омада, ба забони суғдӣ «пит (э)р, питар, питр» талаффуз мешудааст. Вожаи «арўс» (ҳамсари писар), ки дар Мовароуннаҳр «келин» мегўянд, дар луғатномаи устод Қариб тахти рақами 9366 омадааст ва ба забони суғдӣ «шуншо» гуфта мешудааст.

Дар баъзе манотиқи тоҷикнишин «модар»-ро апа, аппа, оча ва дар барҳе аз маҳалҳо «бибӣ» меноманд. Дар ҷилди чоруми «Луғатномаи Деҳхудо» (чопи Теҳрон, 1373 хуршедӣ, баробар ба 1995 милодии масеҳӣ) калимаи «бибӣ» ба ин гуна шарҳу эзоҳ ёфтааст: «зани некў ва хотуни хонаро гўянд». Фарзандони ду хоҳарро дар қисмате аз маҳалҳои тоҷикнишин «бўла, яъне онҳо ба ҳамдигар бўла ҳастанд» мегўянд. Бояд гуфт, ки дар луғатномаи номбурда ин калима зери ду моддаи луғавӣ ба ин гуна шарҳу эзоҳ ёфтааст: «бўла–(арабӣ)–духтар» ва «бўл»–(арабӣ)–валад, фарзанд, писар». Бародари модар, ки дар аксари манотиқи Мовароуннаҳр «тағо, тоға» гуфта мешавад, дар паҳлавӣ ва форсии бостон «до», «доӣ» гуфта мешудааст. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» бародари зан ва ё бародари шавҳар ба ин гуна шарҳу эзоҳ ёфтааст: «хусра – писар ё марде, ки бародари завҷаи шахс ва ё бародари шавҳари зан бошад». Ба ҳамин тариқ «боб» – бобо, падар, «мом» – момо, модар қайду шарҳ ёфтаанд. «Бародарандар» – писари падар бошад аз зани дигар ё писари модар аз шавҳари дигар, мухаффифи он бародандар будааст ва ўро «хуш» низ гўянд». «Бародар» дар навбати худ аз «бародар»-и паҳлавӣ маъхуз гаштааст ва он дар китоби устод Алӣ Акбари Деҳхудо ба ин гуна шарҳ қайд гардидааст: «писар ё марде, ки дар падару модар ва ё яке аз он ду – бо шахс муштарак бошад, ах, додош». Дар шарҳи мазкур «ах» арабист ва маънои бародарро дорад, «додош» – аз назари мо ифодаи лаҳҷавии яке аз гўишҳои забони суғдист, ки ҳоло дар шеваи деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато дар шакли «додой» побарҷост. Ҳамин тавр «бародари кеҳтар, яъне бародари кўчактар ҳоло ҳам дар аксари шеваву лаҳҷаҳои форсӣ – тоҷикӣ дар шакли «додар» маҳфуз мондааст. «Бародари меҳтар ва ё ба ибораи дигар бародари бузургтарро «доданд» низ гўянд» – менависад устод Деҳхудо. Агар ба ин навиштаҳо аз нигоҳи забоншиносии таърихӣ бархурд шавад ва серлаҳҷа будани ҳар кадоме аз забонҳои иронитаборро дар мадди назар бигирем, пас мебинем, ки ағлаби он вожаҳо бо андаке тағйироти овоӣ ва маъноӣ имрўз ҳам дар забони гуфтугўии мо мавҷуданд. Ва ҳоло боз ба фарҳангҳо рўй меоварем: дар «Қомуси дарӣ ба русӣ» (чопи Маскав, соли 1986) ба бисёре аз вожаҳои хешутаборӣ мутаваҷҷеҳ мешавем. Аз ҷумла, «опа» ё «апа» чун хоҳари калонӣ шарҳ ёфтааст. «Ака» ё «ока» дар мавқеи бародари калонӣ истифода мешудааст. «Авдур» – бародари падар, яъне амак, «авдурбача» – амакбача, авдурхусур – бародари падарарўс, бародари хусур, ё бародари падаршўй маънидод гардидааст.

Вожаи «боҷа» ба маънои шавҳари хоҳари зан, «бачаандар» – писарандар, «бародари айнӣ» ба маънои бародари ҳамзод ва ё ҳамхун, «бубу» ба маънои модар, «биёдар» – бародар, «бибӣ» – ба маънои момо, «бибикалон» чун модари момо, яъне момокалон

## Забони мо — ҷаҳони мо

шарҳ дода шудааст. Мо мебинем, ки дар забони дарӣ ва ё форсии кобулӣ ифодаҳои «падар, падаркалон, падарандар, падарзан, «пеғла» (ба маънои бону, хоҳар, хонум), «табор» – ба маънои хелу хеш, дудмону хонавода, «янга» ба ду маъно – зани бародар ва арўс (онро дар манотиқи дигари Мовароуннаҳр келин мегўянд) хеле мустаъмал будаанд. Ҳамчунин вожаҳои «хусур» (ба ду маъно: 1. падарзан ва 2. падаршавҳар), «хусурбура» ба маънои бародари зан, «аму» – бародари падар, «навоса» ба маънои набера қайду шарҳ ёфтаанд. Дар ҷилди аввали «Фарҳанги форсии Амид» (чопи Теҳрон, соли 1372 хуршедӣ баробар ба 1994 милодии масеҳӣ) вожаҳои «додарак» – мусағғари додар (шакли навозишии додар), бародари кўчак, «додаранд» – (исми мураккаб) бародари бузург, «додак» – хидматкори пир, «додар» – бародар, дўсте, ки монанди бародар бошад, «додо» – падари бузург, «дойи» – бародари модар, дар форсӣ коку ва кокуя ҳам гуфта шуда (Луғатномаи Амид, саҳ. 904), «доҳ» – канизак, парастор, доя ва дар навбати худ «доя» ба ин гуна шарҳу эзоҳ ёфтааст: аз «дойак»-и забони паҳлавӣ: зане, ки бачаи каси дигарро шир бидиҳад, парасторзан, ки кўдаконро парвариш диҳад ва парасторӣ кунад, «тоя» ҳам мегўянд...» (Луғатномаи Амид, саҳ. 924.).

Дар «Фарҳанги дуҷилдаи забони тоҷикӣ» (чопи Маскав, соли 1969) «хўшае» аз калимаҳои марбут ба муносиботи хешутаборӣ оварда шудааст ва аз нигоҳи мо номукаммал буда баъзе аз онҳо (доир ба пайдоиши ин ё он калима) ғалат маънидод шудаанд. Барои мисол, мо дар фарҳанг вожаҳои апа, ака, дағўч, палонҷ, почо, тағо, чиян, язна, оча ва амсоли онро, ки кайҳо боз дар шеваву лаҳҷаҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд ва ба адабиёти китобӣ низ роҳ паймудаанд, пайдо накардем. Ба забони туркӣ мансубият доштани вожаи «додо»-ро, тавре ки дар ин фарҳанг омадааст, мо яке аз иштибоҳот мешуморем, зеро тавре ки дар боло овардем ағлаби вожаҳои дар таркибашон пешванди «до» – дошта, баромади суғдӣ ва ё паҳлавӣ доранд.

**ДО, ДОДАР, ДОДӢ, ДОМОД, ДОДО, ДОХУНДА, ДОМУЛЛО...**

Хонандаи борикбин зуд пай мебарад, ки байни каламоти фавқ муштаракие вуҷуд дорад. Пешванди «до» дар аксари каламот омада вазифаи худро ҷӣ аз лиҳози маъноӣ ва ҷӣ аз лиҳози калимасозӣ ифо кардааст. Барои ин ки сари гиреҳ боз шавад, таҳлилро аз «дӣ» шурўъ мекунем. Ин пешванд дар таркиби калимаҳое, чун «дина», «дирўз» дучор мешавад. «Имрўз» – ин рўз, яъне рўзи ҳозирро ифода мекунад, дар ҳоле ки «дирўз» маънии рўзи гузаштаро медиҳад. «Дӣ» дар луғат ба маънои дина, дирўз, яъне рўзи гузашта аст. Дӣ дар калимаи «додӣ» вазифаи пасвандро адо карда калимаи нав сохтааст. Пас «до» ҷӣ маъни дорад? «До» ба маънии «ҷаноб, бародар, ака дар шеваи деҳаи Эҷ аз кўҳистони Нурато басо серистеъмол аст. Инчунин маънои «соҳиб»-ро низ дорост. Дар форсӣ ҷиҳати муроҷиат ба мухотаб «оқои Ҳабибулло» гўянд, дар тоҷикӣ «ҷаноби Ҳабибулло», дар забони дарӣ «Ҳабибулло соҳиб» ва дар шеваи фавқулзикр «До Ҳабибулло» мегўянд. Аммо «додӣ» маънии «бародари дирўз»-ро дорад, пас маълум мешавад, ки мазмуни бародари аз худ калон, яъне бародари бузургро ифода мекардааст. Ҳамин тариқ, «додар» бародари хурдро ифода кунад, «додӣ» бародари бузургро мефаҳмононад. Пешванди «до» дар калимаҳои зиёде низ бо ҳам омада исми нав сохтааст. Бигирем, калимаи домодро. «Домод» аз ду таркиб сохта шудааст – «до» ва «мод», калимаи дуввум мухаффиф, яъне шакли кўтоҳшудаи «мода», пас далолат ба ҷинси мода бошад, аз қабили зан, духтар ва ҳоказо. Ба ибораи дигар «домод» – шавҳари духтар гуфтан аст.

«Мулло» – арабӣ буда, дар луғат ба ду маъност: 1. олими мадраса, олими дин ва шариат. 2. пурдон, бисёрдон. «Охунд» – форсӣ-тоҷикӣ буда маънии пешвои рўҳонӣ, мулло, муаллим, устодро ифода мекунад. Ба ин калимаҳо ҳамон пешванди «до»-и суғдиву паҳлавӣ, ки дар шеваи Эҷ то ба ҳол побарҷост, изофа шуда, «дохундаву домулло» ҳамин тариқ дар забони мо мустаъмал гардид. Бояд гуфт, ки устод Айнӣ, забоншиноси беҳамтое буданд ва номи яке аз рўмонҳои худро «Дохунда» ниҳодаанд. Ин калима он замон дар забони тоҷикони кўҳистонӣ маънии шахси аз лиҳози моддӣ қашшоқро низ ифода мекардааст. Калимаи дуввум «охунд» ҳоло дар Ирон хеле роиҷ аст ва ба ҳамон маънӣе, ки дар фавқ овардем, истифода мегардад. Аммо калимаи «домулло» баҳсталаб мебошад. Яке аз забоншиносони тоҷик устод С. Ҳусейнов фикри худро доранд. Ба ақидаи эшон «домулло» сирф арабист ва аз ибораи «идоматуллоҳ» ба ҳам омадааст, яъне давомдиҳандаи кори мулло, ё худ, он шахсе, ки аз лиҳози дараҷаи илмӣ болотар аз мулло бошад. Аммо ин истилоҳи динӣ дар забони арабӣ дида намешавад. Дар ҳар сурат, дар истилоҳи забоншиносӣ ибораву ифодаҳои «сайри таърихии забон», «сайри таърихии калима» кор фармуда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки як калима метавонад танҳо дар як замони муайян ва дар як забони муайян вуҷуд дошта бошад ва бо мурури вақт ба дигар забон ва ё шева нуфуз кунад, рўйи ҳам рафта баъди чандин сол ва ё аср худи ҳамон калима дар худи ҳамон забон ва ё шеваи он бори дигар бо андаке тобиши маъноӣ буруз кунад.

Аз ин навиштаҳо чунин бармеояд, ки забони аҳли деҳот, бавижа, гўишҳои кўҳистониён басо омўхтанӣ будааст ва ҳар калимаву ибораe, ки ба гўши мо ғайриоддӣ ва ғайритабиӣ мерасад, ҳатман ба забонҳои асл: суғдиву паҳлавӣ, портиву порсӣ (форсии бостон) бархўрд мекардааст. Ҳеҷ айбе надорад, ки мо аз калимаҳое чун «оқо, соҳиб, ҷаноб», ки туркиву арабиянд, сарфи назар намоем ва ба ҷои он ҳамон «до»-и бобоиро истифода кунем.

Албатта, ин мисли қатрае аз баҳр хоҳад буд, аммо чунин амалкард дар тамоми ҷабҳаҳои забоншиносӣ: луғатшиносиву услубшиносӣ, сарфу наҳв ба кор гирифта шавад, пас тамоми таълимотеро, ки дар қаламравҳои форсизабонон рўйи кор хоҳад омад, било шак ҳамаи сокинони он тавре ки дар пешинаи торихӣ буд, мавриди мутолаа қарор хоҳанд дод ва хоҳанд фаҳмид.

Мақсад аз ин навиштаҳо он бувад, ки аҳли илму адаб дар таълимоташон ба қадри имкон аз калимоти умумихалқӣ, минҷумла аз вожаҳои хешутаборӣ ба тамоми даризабонони дунё фаҳмо истифода намуда, аз аносири бегона, хоссатан марбути ин ё он шева ва забони ғайриаслӣ барҳазар бошанд. Ба шарофати истиқлол равобити ҳамаҷонибаи кишвар, аз он ҷумла равобити фарҳангӣ рўй ба густариш мениҳад. Фарҳангҳои дузабонаву чандинзабона, тафсирии якзабона ҷӣ дар дохили кишвар ва ҷӣ берун аз марзи он, алалхусус, дар мамолики ҳамзабон ба чоп мерасанд. Бояд ба ҳоли қудрат аз он гуна фарҳангҳо истифода намуд, зеро вазифаи аҳли қалам – олимон, адибон, ходимони нашриёту матбуот ин ҳамоно поку побарҷо нигоҳ доштани дурдонаҳои мероси гаронбаҳои ниёкон буда, ба ғановату таровати забони нобӣ дарӣ-форсӣ афзудан ва саранҷом услуби равон ва ҳусни баёнро ба ояндагон интиқол додан ба шумор меравад.

**Назруллоҳ РАСУЛЗОДА,**
**номзади улуми филология.**

# Барои устувории қонун

***Ташрифи серўзаи намояндагии воломақоми ассотсиатсияи юристҳои америкоӣ (ABA\CEELI) бо роҳбарии президенти он Роберт Хиршон бо шиносшавӣ бо вазъияти Фарғона анҷомид. Меҳмонон ҳангоми сафар бо якчанд намояндагиҳои суду зинаҳои қонунбарорӣ шинос гаштанд. Мақсади сафар расондани ёрии техникӣ дар ташкили мурофиаи мустақили судӣ дар Ўзбекистон буд, ки он яке аз хусусиятҳои давлати демократӣ мебошад.***

— Инкишоф ва мустаҳкам гаштани муносибатҳои Ўзбекистону ИМА дар сиёсати берунаи мамлакат аҳамияти калон дорад,— гуфт Сафири Фавқулодда ва Мухтори ИМА дар Ўзбекистон Ҷон Хёрбет ҳангоми вохўрӣ бо намояндагиҳои ассотсиатсияи юристон, оҷонсиҳои ИМА оиди инкишофи байналхалқӣ, ҳукумат ва ҷамоатии Ўзбекистон.—Барои боз ҳам инкишоф додани ҳамкории ҳарду мамлакат ба риояи ҳаққу ҳуқуқ бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад. Ин дар навбати худ дар деклоратсияе ки аз тарафи Котиби давлатии ИМА Колин Пауэл ва Вазири умури хориҷаи Ўзбекистон Абдулазиз Комилов ба имзо расидааст, таъкид карда шудааст.

Бо ақидаи сафир қисми асосии тамомиислоҳотҳо дар Ўзбекистон ислоҳоти ҳуқуқӣ мебошад. Амалӣ гардондани он имконияти осонтар ба ҳаёт татбиқ намудани дигар ислоҳотҳоро фароҳам меоварад. Маҳз дар ҳамин соҳа Ассотсиатсияи юристони ИМА ба Ўзбекистон ёрии техникӣ мерасонад,—таъкид намуд Ҷ.Хёрбет.

— Ассотсиатсияи юристони ИМА дар 23 мамлакат, ки ба ҳайати он мамлакатҳои ИДМ, Аврупои Шимолӣ ва Марказӣ дохил мегарданд, фаъолият меронад,—гуфт дар сўҳбат бо мухбири ОИ «Туркистон-пресс» директори иҷрокунандаи Ассотсиатсияи юристони ИМА, роҳбари барномаи «Ҳуқуқ ва ташаббуси Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ» Дэвид Олберт.—Мақсади асосии барномаи мо таъмин намудани воломақомии Қонун дар мамлакатҳое ки мо кор мебарем мебошад, иброз дошт директори иҷрокунанда.— Мо кўшиш мекунем, ки ислоҳоти судӣ, соҳаи суд ва дигар соҳаҳои системаи ҳуқуқӣ мустақил бошанд,— таъкид намуд Д.Олберт.

— Ғайр аз Ўзбекистон намояндагии мо ба дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ сафар мекунад. Мақсад аз он шиносшавӣ бо барномаҳо, инчунин бо фаъолияти шарикон ва бахусус шинос гаштан бо фаъолияти намояндагиҳои Ассотсиатсияи мазкур дар ҷойҳо мебошад. Мо 7 сол аст, ки дар Ўзбекистон кор мекунем. Бо ассотсиатсияҳои адвокатҳо, суду юристҳо ҳамкорӣ карда дар воломақом гаштани қонунҳо ёрӣ мерасонем. Барои инкишофи системаи мустақили суду адвокатура ташкилотҳои номбаргардида роли муҳим мебозанд. Дар ин ҷо инчунин як қатор дигар лоиҳаҳоро низ ба амал мебарорем. Аз ҷумла дар Тошканд, дар суди ноҳиявии Акмал Икромов лоиҳаи «Протоколкунии электронии ҷамъомади суд» ҷорӣ мегардад. Лоиҳаи мазкур дар барқароркунии соҳаи суди мустақил аҳамияти калон пайдо мекунад. Ғайр аз ин мо дар соҳаи экологӣ, ҳуқуқӣ, гендерӣ, маълумоти ҳуқуқӣ низ кор мебарем. Ассотсиатсияи юристони ИМА бо Институти давлатии юридикии Тошканд ҳамкорӣ дорад. Соли гузашта мо барои сохтмони клиникаи юристӣ дар Ўзбекистон ҳиссагузорӣ намудем,— гуфт дар охир Дэвид Олберт.

**«Туркистон-пресс».**



# Пахтаи маҳиннах мерўёнанд

Хоҷагии ширкатии Қорасуви ноҳияи Ангори вилояти Сурхондарё 1800 гектар замини обёришаванда дошта, 750 гектараш ғалла, ба 920 гектараш пахтаи маҳиннах коштаанд. Аз ҳар гектари ғаллазор 43 сентнерӣ ҳосил бардошта, ба анборҳои қабул 2250 тонна ғаллаи хушсифат расонда шуд. Ба маълўлон ва кўҳансолоне, ки дар ҳудуди хоҷагӣ истиқомат доранд, 20 тонна ғалла ройгон тақсим гардид.

Алҳол дар саҳроҳои хоҷагӣ мубориза барои ба даст овардани ҳосили фаровони пахтаи маҳиннах ва дигар зироати кишоварзӣ авҷ гирифтааст. Коркарди байни қаторҳо, обмонӣ, дигар тадбирҳои агротехникӣ бо суръату сифати баланд мегузаранд.

Мувофиқи нақша мебояд хоҷагӣ аз ҳар гектар 34 сентнерӣ ҳосил диҳад. Соли гузашта онҳо аз ҳар гектар 37 сентнерӣ пахта бардошта буданд. Имсол камаш 40 сентнерӣ пахта супурданианд.

211 нафар пудратчиёни оилавӣ дар бобати рўёндани ҳосил намунаи ибрат мегарданд.

**Дар сурат**: сарпудратчии хоҷагӣ **Абдусаттор Раҳмонов**.

**Матн ва сурати Искандар ХУҶАЕВ (ЎзА).**

# Навигариҳои олам

Хабарҳо аз хориҷа

## Қурбонии наздикии Лондон

**Дар моҳи сентябри соли гузашта ҷинояти мудҳише, ки дар шаҳри Лондони Инглистон содир карда шуда буд, мақомоти пулис онро ошкор намуд.**

Дар ин ҷиноят гуноҳ ба гардани зани сисолаи Африқои ғарбӣ гузошта шуд, ки дар ҷои истиқомати ў баъзе ашёҳое пайдо шуданд, ки иртиботи вайро ба ин қотилӣ собит менамояд. Ходимони пулис ин далелҳои собиткунандаро ҳанўз зикр кардан намехоҳанд, аммо ин ашёҳо кифоя аст, ки номбурда дастгир карда шавад. Ин зани африқоӣ аз Глазго ба Лондон зиёд меомад, ки дар наздикии пойтахт ин ҷиноят ба амал баровaрда шудааст.

Моҳи сентябри соли 2001 дар дарёи Темза устухонҳои одам ёфт шуда буд. Баъдтар маълум гардид, ки ин устухонҳои бачаи шашсолаи африқоиасл будааст. Манзараи кушта шудани бачаи хурдсол, ки онро муфаттишон бо мақсади тафтиш аз нав такрор карданро водор сохтанд, худи пулисро дар даҳшат гузошт. Бача тибқи таомули дини Вудуи ғарбии Африқо қатл карда шудааст. Аввал гардани бача бурида шуда, баъд узвҳои дигари ў майда-майда ҷудо карда шудааст. Пулис инчунин тахмини дигари кушта шудани бачаро истисно намекунад: кўдак эҳтимол қурбонии расми табобати африқоӣ шуда бошад, ки пайравони ин шоха қурбонӣ карданро низ дар амал татбиқ менамоянд.

## Маҳви бесаводии шаҳвонӣ

**Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки аҳолиаш аз 1,3 млрд. хуруҷ намудааст, масъалаи ба нақша гирифтани оила мавзўи муҳим боқӣ мемонад.**

Барои ба нақша гирифтани оила бошад, дар қадами аввал тарбияи маърифатӣ ва шаҳвонии марду зан бояд дуруст ба роҳ гузошта шавад. Бо ин мақсад дар нақлиёти рўизаминии Пекин воситаҳои гуногуни ташвиқотиро ба роҳ гузоштаанд, ки онҳо дар мавзўъҳои контрасепсияи беҳавф, ҳомилаи солим ва давои бемориҳои гуногуни таносулро фаро мегирад. Мусофирони нақлиёти гуногун якҷоя бо билет ҳар дафъа метавонанд варақа ва ё нусхаи иловагии маълумотро, ки аз ин бобат иттилоъ мерасонад, бепул ба даст оранд.

Чунин қарор дар кумитаи банақшагирии оилаи пойтахт эҷод шудааст, ки онро дар идораҳои маъмурии нақлиёт хуб пазируфтаанд. Аҷиб он аст, ки даҳсолаҳои гузашта дар Чин муҳокимаи чунин мавзўъҳо, ки бо шаҳвату алоқаи ҷинсӣ иртибот дорад, қатъан манъ шуда буд. Ва ҳоло ин мавзўъҳои манъшуда то ба ҷойҳои ҷамъиятии автобусу троллейбусҳо роҳ пайдо намуд.

Бино ба натиҷаҳои рўзҳои аввал ин навоварӣ ба мардум хеле хуш омадааст, ки дар нақлиёт нисбат ба китобу рўзномаву маҷаллаҳо нусхаҳои чопии марбути нақшаи оиладорӣ ва бехатарии алоқаи ҷинсиро дар дасти онҳо бештар дидан мумкин аст.

## Ҷоизаи Нобел — ба «Шери Панҷшер»

**Як гурўҳ аз сиёсатмадорои Фаронса пешниҳод намудаанд, ки фармондеҳи машҳури Афғонистон—Аҳмадшоҳи Масъуд ба гирифтани ҷоизаи сулҳи Нобел пешбарӣ карда шавад.**

**Дар ин хусус кафили сафорати Афғонистон дар Порис Меҳробуддини Мастон хабар додааст.**

«Собиқ узви порлумони Фаронса, генерал Фелип Морилон ва узви порлумон Ричард Сазенов ҳанўз моҳи январ дар ин бора ба Кумитаи ҷойизаҳои Нобел дар Норвегия



**Аҳмадшоҳи МАСЪУД:** мо ваҳдати миллиро дар таҳқиқи адолати иҷтимоӣ медонем.

дархосте фиристода буданд. Муроҷиати сиёсатмадорони фаронсавӣ дар шабакаи ҷаҳонии Интернет ҷой дода шуд ва дар муддати кўтоҳ ҳазорҳо нафар зери он имзои худро гузоштанд. Дар зери ин муроҷиатнома роҳбарияти маъмурияти Давлати Исломии Афғонистон низ имзои худро гузоштааст»,— овардааст радиои «Озодӣ».

Тибқи суханони М.Мастон анқариб 50 нафар аз аъзои порлумонҳои Урупо ва Фаронса ин пешниҳодро дастгирӣ намуда, пас аз маргаш ба А.Масъуд додани мукофоти Нобелро дастгирӣ намудаанд, бо вуҷуди он ки мукофоти Сулҳи Нобел баъди вафот тибқи қоида дода намешавад. Танҳо як бор ин низом халалдор шудааст, ки ба таври истисно он ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, дипломати швед Даг Ҳаммаршалд соли 1961 пас аз маргаш дода шуда буд.

Аҳмадшоҳи Масъуд, ки соли 1952 дар деҳкадаи Ҷангалаки дараи Панҷшер таваллуд ёфт, аз хонаводаи дагарвол (полковник) Дўстмуҳаммадхон буд. Пас аз таҳсил дар литсейи Кобул, ба Институти политехникӣ дохил шуд, ки аллакай аз он давр дар мухолифат нисбат ба ҳукумати шоҳ Довуд қарор дошт. Дар даврони даҳ соли ҷанг бо артиши шўравӣ ҳафт маротиба дар дараи Панҷшер ҳуҷуми онро шикаст дод ва умуман ҳисоб гаштааст, ки 60 фоизи талафот ва хисороти армияи шўравӣ дар ҷанги хоки Афғонистон аз ҷониби генерал А.Масъуд ба амал оварда шудааст. Баъдан панҷ соли мубориза бар зидди режими Толибони зархарид ва шабакаи террористии Ал-қоидаи Усома бин Лоден...

«Ў ошиқи хидмат ба мардуми худ буд ва дар ин роҳ сӣ соли тамом ҷонфишонӣ кард ва худ медонист, ки сар дар ин роҳ мегузорад... Бинобар ин муддатҳо қабл теппаеро худ барои қабраш супориш карда буд.

....Зуҳри рўзи якшанбеи соли 1380 хуршедӣ (9 сентябри соли 2001) ба умри 49 солагӣ таи як ҳамлаи интиҳорӣ тавассути ду террористи араб дар вулусволии Ҳоҷа Баҳоуддини вилояти Тахори Афғонистон ҷон ба ҷонофарин супурд...»— навиштааст дар ин замина ҳафтаномаи «Паёми муҷоҳид».

